**Тақризи** муқарризи расмӣ
ба диссертатсияи Маҳкамова Машҳура Раҳимовна дар мавзуи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ))

*Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.* Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия мувофиқат мекунад: банди 1 – коркарди барномаҳои омӯзишии навъҳо ва дараҷаҳои гуногун доир ба фанҳои омӯзишӣ барои муассисаҳои таълимии навъҳои гуногун дар низоми таҳсилоти асосӣ; банди 2 - арзёбии самаранокии барномаҳои омӯзишӣ; банди 3 - тарҳрезии муҳтаво, методҳо ва шаклҳои ташкилии омӯзиш дар шароити шаклтағйирдиҳӣ, иттилоотисозӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва таҳсилотӣ мувофиқат мекунад.

Бо рушди технологияи муосир ва ҷорӣ гардидани навгониҳои таълим дар ҷаҳони муосир соҳаи маорифи кишвар низ ислоҳоти бомаром пайдо мекунад. Ҳадафи ислоҳот аз он иборат аст, ки хонандагон, аз як тараф, ҳамқадами замон бошанд, аз ҷониби дигар, донишҳои муосирро зуд азхуд намоянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронияшон таъкид менамоянд, ки «Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот вақти он расидааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ карда шавад». Қабули низоми мазкур имкон медиҳад, ки таъмини имкониятҳои баробари арзёбии таҳсилотро барои таълимгирандагон дар ҳама зинаҳои таҳсилот ба роҳ монем ва ба рушди қобилиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла ташаккули тафаккури мантиқию таҳлилӣ (интиқодӣ) ва амалӣ намудани сатҳҳои гуногуни арзёбӣ мусоидат намоем.

**Мубрамияти тадқиқоти** интихобнамудаи Маҳкамова Машҳура Раҳимовна бо он муайян карда мешавад, ки ба беҳтар гардонидани сифати таҳсилот ва ба танзим даровардани низоми арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ равона шудааст.

Имрӯз барои ворид гардидан ба таҳсилоти ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам тадбирҳои судманд андешида мешавад. Бо дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф тадриҷан ба марҳалаи нав ворид гардида, шароити таҳсилу омӯзиш барои фаро гирифтани донишҳои замонавӣ фароҳам оварда шуд. Таркиби ин раванди нав дар ҳуҷҷатҳое чун Стратегияи миллии рушди маориф дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040), инчунин ҳуҷҷатҳои ба тозагӣ қабулшуда - Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (аз 28.02.2025, №141) ва Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (аз 29.04.2024,№240), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, ба таври васеъ инъикос ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои зикршуда ва таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии соҳавӣ, зарурати мавриди тадқиқ қарор додани пешниҳоди ғояҳои нави назариявӣ ва амалӣ оид ба арзёбии таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ ба миён меояд. Ин мушкилот озмоиши амалии василаҳои арзёбиеро талаб мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати азхудкунии фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст.

Аз ҷониби Маҳкамова Машҳура Раҳимовна интихоб намудани мавзуи илмӣ оид ба тадқиқи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» мубрам ва саривақтӣ буда, он аз ошкор сохтани роҳу усулҳои навине иборат мебошанд, ки ба назарияву амалияи арзёбӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ва дар амалия исбот намудани воситаҳои арзёбӣ бо мақсади беҳтар намудани сифати азхуднамоии таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ таъсири самарабахш мерасонанд.

Омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои педагогию психологӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки омилҳои гуногуни омӯзиши фаъолияти омӯзгор ва раванди педагогӣ, салоҳият, босалоҳиятӣ, муносибати босалоҳият, салоҳиятҳои касбии омӯзгор, баҳодиҳӣ, арзёбӣ, навъҳои арзёбӣ аз қабили арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ дар асарҳои илмии педагогон ва психологон бахшида шудааст, ба сифати сарчашмаҳои тадқиқот истифода шудаанд.

Дар ин радиф унвонҷӯ Маҳкамова М.Р. иброз медорад, ки таҳлил ва ҷамъбасти тадқиқоти илмӣ, адабиётҳои махсус, стандарти фаннӣ, барномаҳои таълим ва амалияи омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои назария ва методикаи арзёбии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нокифоя коркард шудаанд ва чунин қайд мекунад: «Стандартҳои нави фаннӣ бошад, ташаккули салоҳиятҳоро талаб мекунад ва бинобар ин, барои беҳтар намудани сифати таълими фан ва натиҷаҳои таълимии хонандагон дар раванди таълим ворид намудани арзёбии ташаккулдиҳанда зарур мешавад. Дар ин робита, тартиби баҳогузорӣ бояд ба ташаккули дастовардҳои инфиродии толибилмон равона карда шавад, яъне арзёбӣ бояд вазифаи нав - ташаккулдиҳиро касб кунад. Аммо, дар айни замон, равишҳои технологӣ оид ба татбиқи арзёбии ташаккулдиҳандаи дастовардҳои

инфиродии хонандагон коркард нашудаанд, ки он яке аз мушкилоти арзёбӣ бо назардошти талаботи нави стандарти фаннӣ ба ҳисоб меравад».

Аз ин нуқтаи назар, муҳаққиқ **мақсади тадқиқоти мазкурро** коркарди роҳҳои тақвиятбахшии расмиёти арзёбӣ, ки муносибати инфиродиро барои баҳодиҳии дастовардҳои таълимӣ фароҳам меорад, пешниҳоди воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда бо мақсади беҳтар намудани сифати таълими математика дар синфҳои 1-4 иборат мебошад, муайян намудааст.

**Объект ва мавзуи тадқиқот** мантиқан бо ҳам алоқаманд буда, тадқиқи равандро методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил намудааст. Ягонагию робитаи мантиқии мақсаду вазифаҳо имконият додааст, фарзияи илмии тадқиқот ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда бо ҳам мувофиқат намоянд ва кори тадқиқотӣ дар муддати банақшагирифта ба анҷом расонида ва ба расмият даровaрда шавад.

Барои бо иҷрои мақсади тадқиқотӣ ноил гардидани муҳаққиқ ба иҷрои вазифаҳои дар пешгузошташуда амиқу дурусти ба муайянсозӣ ва интихоби асосҳои методологию назариявӣ сарчашмаи маълумотҳою адабиётҳои истифодашаванда, махсусан методҳои назариявию амалии кори тадқиқотӣ, интихоби пойгаҳи кори тадқиқотӣ мусоидат намудаанд.

**Навгонии илмии тадқиқот** аз чунин ҷанбаҳо бармеояд:

1. Тарз, тартиб ва стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуд.
2. Бо мақсади муайян намудани самаранокии барномаҳои таълимӣ, усулҳои таълим ва ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ методология, тартиби таҳияи воситаҳо, стратегияҳо ва татбиқи амалии он таҳия карда шуд.
3. Методикаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни математика, моҳияти навъҳои арзёбӣ, махсусан арзёбии ташаккулдиҳанда ва воситаҳои арзёбии омӯзиш бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими математика мавриди тадқиқ қарор гирифт.
4. Амсилаи рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар масоили истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда коркард шуда, дар асоси он воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамуда** ақидаи муаллифро оид ба мубрамияти методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз усул ва шаклҳои нави арзёбӣ ифода мекунанд, фаро гирифтааст. Мазмуни муҳтавои нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар матни кори диссертатсионӣ ифода гардида, пайдарҳамии мантиқии маводҳои назариявӣ ва кори озмоишӣ-таҷрибавиро таъмин намудаанд. Муаллифи диссертатсияи мазкур андешаҳои ба ҳимоя

пешниҳодкардаи худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои он арзёбӣ намудааст. Амалӣ гардидани ин нуктаҳо дар матни диссертатсия ифода гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии тадқиқотро** дар навбати аввал таҳлили масъалаҳои назарияи омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи навъҳои гуногуни раванди арзёбӣ ташкил медиҳад, ки мақсад, вазифа, муносибат, принсип ва қисматҳо, сохтор ва мундариҷаи арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳамчун омили ташаккулёбии салоҳиятҳои хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни математикаи дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намудааст. Аҳаммияти амалии тадқиқот, инчунин аз инҳо иборат аст, ки мувофиқати асосҳои назариявии тадқиқот ба амсилаи коркардшудаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба интихоби беҳтарини методҳои таълими донишҳо бо мақсади мукаммал гардонидани барномаҳои таълимӣ пешниҳод гардидааст,

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар тадқиқоти мазкур дар асосноккунии назариявӣ ва амалии ғояҳои масъалаи тадқиқшаванда, дар пайвастагии дурусти тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; истифодаи маҷмуи усулҳои марбут ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот; анҷомдиҳии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва татбиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, коркарду таҳлили натиҷаҳои маълумоти озмоиш, таҳия ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳо ва конференсияҳои илмию байналмилалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва омоданамоии диссертатсия зоҳир мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 173 саҳифаи чопи компютериро ташкил дода, дар он 13 ҷадвал, 5 диаграмма ва 7 расм мавҷуд аст. Феҳристи адабиёт 163 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмию методиро дар бар мегирад.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамияти тадқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумотҳо, навгониҳо ва аҳамияти назариявию амалии тадқиқот, фарзия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмпирикӣ маълумот додааст.

Боби якуми диссертатсия, ки **«Назария ва амалияи омузиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи навъҳои гуногуни арзёбӣ»** ном дорад, се масъалаи муҳими мавзуи мазкурро дар се зербоб дар бар мегирад. Ҳадафи асосӣ ин асосноккунии назариявӣ, сохтор ва робитаи муайяни мутақобила, муайянсозии ҷузъҳои шароити педагогию дидактикӣ дар **омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи навъҳои гуногуни арзёбӣ** иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум **Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ»** таъкид гардидааст, ки аз таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ бармеояд, ки мафҳуми математика

муносибатҳои миқдорӣ ва шаклҳои фазоии олами воқеиро меомӯзад, яъне он омӯзиши моводди комилан воқеиро дар бар мегирад. Айни ҳол, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, ки дар асоси «Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ» (фанни математика низ дар таркиби ин стандарт аст) таълим ба роҳ гузошта шудааст, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои босалоҳиятӣ аз фанни «Математика» барои синфҳои 1-4 дар доираи самтҳои таълимии 1) донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ; 2) амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала; 3) шаклҳои геометрӣ; 4) бузургиҳо ва 5) коркарди маълумот пешниҳод гаштаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳкамова Машҳура Раҳимовна қайд менамояд, ки таҳлили адабиёти илмию методӣ доир ба методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки самтҳои дар боло ишорашуда, далели хусусиятҳои хоси фанни мазкур мебошанд. Дар самти методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ пажӯҳишгарони рус ва ватанӣ П.У. Байрамукова, С,А. Зайтсева, Л.П. Стойлова, А.В. Белошистая, муҳаққиқони тоҷик М. Нугмонов, Г. Собиров, Қ.Т. Бурҳонов ва дигарон ақидаҳои гуногунро иброз дошта, муҳимияти омӯзиши ин самтҳоро ба таври хос дар корҳои худ инъикос намудаанд.

Зербоби дуюми боби якум **«Вазъи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи муносибатҳои нав ба таълим ва арзёбии фаъолияти хонандагон»** унвон гирифтааст. Дар фасли мазкур таҳлил ва шарҳи вазъи мавҷудаи таълими математика, дурнамои рушди он вобаста ба татбиқи муносибатҳои нав ба таълим ва арзёбӣ оварда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби мазкур **«Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун омили баланд гардидани таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ»** муҳаққиқ муайян намудааст, ки дар миёни проблемаҳое, ки ба баланд гардидани самарабахшӣ ва сифати таълим таъсири амиқ мерасонанд, санҷиш ва баҳогузории дониши хонандагон мавқеи муҳим дорад. Муваффақияти ҷараёни таълимию тарбиявӣ аз бисёр ҷиҳат ба гузориши дурусти онҳо вобастагӣ дорад.

Таҳлили муҳаққиқ нишон медиҳад, ки тайи солҳои охир истилоҳи «арзёбӣ» дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, рисолаҳои илмӣ ва маводди таълимию методӣ фаровон истифода мешавад. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мақсад, принсип ва хусусиятҳои хоси арзёбӣ дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият дарҷ шуда, мураккабии муносибат, усулҳо ва воситаҳои он таъкид гардида, ҳамчунин аз омӯзгор малакаву маҳорати хуби банақшагириро талаб кардааст.

Мақсадҳои дар стандарти мазкур дарҷшуда ба се навъи арзёбӣ – арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ ишора карда, ҳар яки он тавзеҳ дода шудааст. Дар солҳои минбаъда вобаста ба гузариши муносибати босалоҳият ба таълим як гурӯҳи муаллифон ин истилоҳро ҳатто бо унвони «арзёбии рушди салоҳиятҳо» низ истифода бурдаанд, ки ба ҳамон маъно омадааст. Дар идома фарқияти арзёбии ташаккулдиҳандаро бо хусусиятҳои

хоси худ аз намудҳои дигари арзёбӣ шарҳу эзоҳ додаст. Пешниҳод гардидааст, ки ворид намудани мафҳуми «арзёбии ташаккулдиҳанда» ва «арзёбии омӯзиш» дар низоми таълимии ҷумҳурии мо як падидаи мутаносибан нав аст ва татбиқи он омӯзиши амиқтару давомдор, тадқиқи бештари илмию методиро талаб мекунад.

**Боби дуюм «Методикаи амалисозии раванди истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълим ва омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ»**-ро фаро гирифта, натиҷаҳои фаъолияти тадқиқотӣ дар зербобҳои алоҳида тавсиф дода шудаанд. Зербоби якуми боби мазкур «**Хусусиятҳои психологӣ ва педагогии истифодаи арзёбии ташаккулиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ»** ном дорад.

Мавриди кор довталаб Маҳкамова Машҳура муайян намудааст, ки яке аз самтҳои муҳими стратегия навсозии мазмуни таҳсилот ба шумор мерафт, ки дар натиҷа дар зинаи таҳсилоти умумӣ аз амсилаи таҳия ва татбиқи барномаҳои ба дониш асосёфта ба рушди салоҳиятҳо равонагардида аз соли 2016 зина ба зина татбиқ шуда истодааст. Нақши омӯзгор дар татбиқи муносибатҳои нав ба таълим ва арзёбӣ ҳамчун омили беҳтар намудани сифати таълими хонанда, махсусан дар ҷумҳурӣ муҳим мебошад. Яке аз мақсадҳои муҳими ин арзёбии омӯзгорон доир ба самарабахшии татбиқи арзёбии ташакулдиҳанда дар раванди дарс ба шумор меравад. Вобаста ба мақсади мазкур унвонҷӯ се вазифа барои арзёбии омӯзгорон муайян намудааст. Барои гирифтани маълумоти илман асоснок дарсҳои гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ муқоиса карда шуда, барои тадқиқот матритсаи натиҷаҳои интизорӣ таҳия карда шуд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки барои дар амал истифода бурдани стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ёрии амалӣ дар раванди фаъолият ва машваратҳои пайваста бо омӯзгорону мушовирон зарур аст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Татбиқи амсилаи басистемадарории воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои математикии хонандагон»** доир ба татбиқи амсилаи басистемадарорӣ ва ташаккули воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда бо мақсади рушди салоҳиятҳои математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ намунаҳоро пешниҳод намудааст. Тибқи амсилаи арзёбии ташаккулдиҳанда раванди таълим ва арзёбӣ ҳамгиро ба роҳ монда, арзёбии ташаккулдиҳанда бештар ва хубтар истифода бурда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Динамикаи ташаккули салоҳиятҳои математикии хонандагон дар раванди таълим»** тартиби таҳия, озмоиш ва натиҷаҳои тадқиқот дар асоси воситаҳои арзёбии омӯзиш барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ оварда мешаванд. Дар бораи озмоиши маҷмуи воситаҳои арзёбии омӯзиш маълумот дода шуда, дар аввал доир ба вазъи кунунии баҳогузорӣ дар таълими математикаи синфҳои 1-4 ва фарқиятҳои тартиб нав тавсиф шудааст.

Дар охир салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фанни математика таҳлил карда шуда, натиҷаҳои асосӣ тартиб дода шуд ва воситаҳои арзёбии омӯзиш барои аввал, мобайн ва охири сол таҳия гардида, барои истифода пешниҳод шуд. Воситаҳои арзёбии омӯзиш, ки маълумоти бойро дар бораи раванди азхудкунӣ ва омӯзиши хонандагон ба даст меорад, ба омӯзгор бошад барои такмили методикаи омӯзиш имкони фаррох медиҳад. Воситаҳои арзёбии омӯзишро ҳам барои рушди натиҷаҳои марҳилавии хонанда (дар ҳар дарс) ва ҳам барои арзёбии ҷамъбастӣ (чорякҳо, нимсола ва солона), ҳамчун мумкин аст кормандони соҳа низ дар маҷмуъ барои арзёбии натиҷаҳои хонандагон дар сатҳи миллӣ истифода баранд.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.** Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти тадқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи тадқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия унвонҷӯ бояд маълумот оид ба меъёрҳои арзёбии ташаккулдиҳанда, заминаҳои назариявӣ ва амалӣ, ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо дар асоси талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (солҳои 2020-2040) асоснок намуда, мавриди муқоиса қарор медод.

2. Дар диссертатсия, хулосаи боби дуюми диссертатсия дар ҳаҷми кам ифода ёфтааст, ки мазмуни мухтасари боби мазкурро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад.

3. Бархе аз иқтибосҳои овардашуда дар диссертатсия аз кадом манбаъ истифода шуданд, тахти рақамгузорӣ қарор наёфтаанд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат дар баъзе мавридҳо ғалатҳои грамматикӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ бояд кард.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию тадқиқоти ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертсия таъсир намерасонанд. Рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дар сатҳи зарурӣ омода шуда, аз ҷиҳати мазмун мувофиқи талабот мебошанд.

**Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ тадқиқоти диссертатсионии Маҳкамова Машҳура Раҳимовна дар мавзуи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳкамова Машҳура Раҳимовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи Технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон — Назаров Аҳтам Пулотович

30 сентябри соли 2025

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носиров - 33. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 908-08-2384.

Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти ҶТ — А. Насурдинзода